Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-126 назди Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон (Суроға: 734025, ш.
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ Шарифзода Баҳром Маҳмуд - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Мудири шуъбаи бозори молиявӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи "Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ бахшида шуда, моҳият, принсипҳо ва усулҳои танзими молиявӣ, таҷрибаи хориҷии он, вазъи муосири молияи давлатӣ ва низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти ниҳодҳои танзимкунанда ва самтҳои такмили механизми танзими молиявиро фаро мегирад.

Мавзуи диссертатсия ва мухтавои он ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ва бандҳои зерини он:

1.1. Равандҳои методологию ташкилии ташаккулёбии низоми молиявӣ;

1.2. Сохторҳои низоми молиявӣ ва мақомоти идоракунии низоми молиявӣ;

1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ;

1.5. Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қонуниятҳои рушд ва такмили идоракунӣ;

2.2. Танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

2.7. Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ;

2.10. Назария ва таҳлили низоми молияи давлатӣ;

2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;

2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ;

11.7. Танзими давлатии ниҳодҳои қарзию молиявӣ мутобиқ мебошад.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи тағйиротҳои пайвастаи муҳити ҷаҳонӣ, афзоиши ноустувории бозорҳои молӣ ва молиявӣ ва таъсири омилҳои дигари бурунмарзӣ сурат мегирад. Ин вазъ зарурати такмили равишҳои танзими молиявиро ҳамчун яке аз самтҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба миён мегузорад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба зарурати ташаккули низоми муосир, устувор ва рақобатпазири бахши молиявӣ, ки қобилияти муқовимат ба таконҳои берунаро дошта бошад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Робитаи мавзуи таҳқиқот инчунин бо татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022–2026 рабт дорад (саҳ. 4–7).

Таҷрибаи буҳрони молиявии соли 2008 ва коҳиши фаъолияти иқтисодӣ дар давраи паҳншавии COVID-19 нишон дод, ки маҳз танзими дурусти муносибатҳои молиявӣ имкон медиҳад таъсири омилҳои беруна коҳиш дода шуда, фаъолияти иқтисодӣ нигоҳ дошта шавад ва устувории иқтисоди миллӣ тақвият ёбад.

Мубрамияти диссертатсияи Сабурзода Ф.М. дар он аст, ки дар шароити афзоиши сатҳи номуайянӣ, таъмини ҳамоҳангсозии сиёсати буҷетию андозӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва назорати фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ ба масъалаи муҳимми ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ табдил меёбад. Аҳаммияти интихоби мавзуъ иловатан аз он бармеояд, ки афзоиши номиналии захираҳои молиявии давлат худ ба худ ба баланд гардидани самаранокии истифодаи онҳо баробар намебошад. Барои татбиқи босамари сиёсати молиявии давлатӣ таҳқиқи сифати тақсимоти захираҳо, таъмини устувории низоми молиявӣ ва таъсири воқеии фишангҳои танзим ба фаъолияти иқтисодӣ аҳаммияти махсус дорад.

Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобшуда саривақтӣ буда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсия дар низомсозии равишҳои назариявии танзими молиявӣ, таҳлили омории вазъи молияи давлатӣ ва низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии институтсионалии танзими молиявӣ ва пешниҳоди самтҳои такмили механизми он ифода меёбад, инчунин:

Якум, дар асоси таҳқиқ ва муқоисаи ақидаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ (ҷадвали 1.1, саҳ. 18–19) ва мавқеи мактабҳои асосии иқтисодӣ (ҷадвали 1.2, саҳ. 22) моҳияти иқтисодии танзими молиявӣ ошкор гардида, таърифи муаллифии ин мафҳум пешниҳод шудааст: «танзими молиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат буда, ба таъмини устувории низоми молиявӣ, пешгирии буҳронҳо ва тақсимоти самараноки захираҳои молиявӣ мусоидат менамояд». Ҳамзамон, модели консептуалии ташаккули низоми танзими молиявӣ таҳия гардидааст, ки онро ҳамчун низоми дорои ҳадаф, субъект, фишангҳо ва натиҷаҳои эҳтимолӣ инъикос менамояд (расми 1.1, саҳ. 31).

Дуюм, принсипҳои асосии танзими молиявӣ (қонуният, шаффофият, истифодаи мақсаднок ва самараноки захираҳо, низомнокӣ, адолат, устуворӣ ва пешгӯишавандагӣ, мувозинат, масъулият, суботи молиявӣ ва мутобиқшавӣ) ва усулҳои он (фискалӣ, монетарӣ, асъорӣ, танзими бозорҳои молиявӣ, маъмурӣ ва барномавию мақсаднок) муайян ва гурӯҳбандӣ гардидаанд (расмҳои 1.2 ва 1.3, саҳ. 38–42). Илман асоснок гардидааст, ки самаранокии онҳо аз хусусиятҳои муҳити иқтисодӣ ва институтсионалӣ вобаста мебошад.

Сеюм, дар асоси таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои оморӣ барои солҳои 2017–2024 вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла динамика ва сохтори даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ ва нишондиҳандаҳои устуворii ташкилотҳои қарзии молиявӣ муайян карда шудаанд (ҷадвалҳои 2.1–2.8, саҳ. 67–115). Дар натиҷа муаллиф нишон додааст, ки танзими давлатии молиявӣ дар кишвар дорои тамоюли мусбат дошта, вале ҳамзамон бо мушкилоти марбут ба шаффофият, тақвияти ниҳодҳои молиявӣ ва рушди бозорҳои молиявӣ рӯ ба рӯ аст. Ҷудо намудани мониторинги институтсионалии танзими молиявӣ дар зербоби 2.3 ва пешниҳоди модели такмили механизми танзими молиявии давлатӣ (расми 2.4, саҳ. 121) яке аз ҷанбаҳои навгонии таҳқиқот мебошад.

Чорум, самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими молиявӣ, аз ҷумла гузариш ба буҷетгузории барномавию мақсаднок, рақамикунонии назорат ва пардохтҳои ғайринақдӣ, тақвияти сиёсати макропруденсиалӣ (ҷадвали 3.2, саҳ. 155) пешниҳод гардида, бо истифода аз таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ робитаи ММД бо нишондиҳандаҳои молиявӣ арзёбӣ ва дурнамои онҳо то соли 2030 таҳия шудааст (саҳ. 156–169).

Муаллиф дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда нуктаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, ки саҳми шахсии уро инъикос мекунад:

1. Консепсияи илмии низоми танзими молиявӣ таҳия гардида, моҳияти иқтисодӣ ва механизмҳои амалисозии он муайян карда шудаанд.

2. Муқаррар карда шудааст, ки принсипҳо ва усулҳои танзими молиявӣ ҳамчун унсурҳои асосии таъмини рушди иқтисоди миллӣ баромад намуда, самаранокии онҳо аз хусусиятҳои муҳити иқтисодӣ ва институтсионалӣ вобаста мебошад.

3. Собит шудааст, ки рушд ва такмили минбаъдаи механизми танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ, истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои молиявӣ ва афзоиши имкониятҳои рушди босуръати иқтисоди миллӣ замина мегузорад.

4. Модели илмии такмили механизми танзими молиявии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, роҳҳои оптимизатсия ва дурнамои рушди он пешниҳод гардидаанд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ба омӯзиш ва таҳлили доираи васеи асарҳои илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёт, истифодаи усулҳои умумиилмии таҳлилу синтез, муқоиса ва баҳогузорӣ, инчунин усулҳои махсуси оморӣ, пешгӯикунӣ ва коррелятсионӣ-регрессионӣ асос ёфтаанд.

Заминаи иттилоотии таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ ташкил медиҳанд.

Асоснокии натиҷаҳо ҳамчунин тавассути муҳокимаи онҳо дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, интишор дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва истифодаи амалии муқаррароти алоҳидаи таҳқиқот дар Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (санади татбиқ аз 23.09.2025, №22) ва дар раванди таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 26.08.2025, №333/дс) ииъикос меёбад.

5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Кори диссертатсионии Сабурзода Ф.М. аз номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишороти асосии довталаб иборат мебошад.

Ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаи чопии компютериро ташкил дода, дар он 14 расм, 18 ҷадвал ва 6 диаграмма ҷой дорад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 164 номгӯйро дар бар мегирад.

Сохтори кор ба пайдарпайии мантиқии ҳалли масъалаи таҳқиқот, аз асосҳои назариявӣ ба таҳлили вазъи воқеӣ ва минбаъд ба пешниҳодҳои амалӣ асос ёфтааст.

Дар **Муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи масъалаи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, фарзияи асосӣ, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаҳои иттилоотӣ муайян ва асоснок гардида, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо тавсиф шудаанд (саҳ. 4–14).

Боби якум – «Асосҳои назариявию методологии танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити муосир» (саҳ. 15–63) ба омӯзиши моҳият, принсипҳо, усулҳо ва таҷрибаи хориҷии танзими молиявӣ бахшида шудааст.

Муаллиф дар зербоби 1.1. таъсири ҷаҳонишавиро ба низоми танзими молиявии иқтисодиёт таҳлил намуда, нақши ширкатҳои фаромиллӣ ва ниҳодҳои молиявии байналмилалиро дар маҳдуд гардидани озодии интихоби сиёсати иқтисодии давлатҳо нишон додааст (саҳ. 16–18). Дар асоси ҷамъбасти ақидаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ (ҷадвали 1.1) ва назарияҳои мактабҳои меркантилистӣ, классикӣ, кейнсионӣ, монетаристӣ ва назарияи иқтисоди омехта (ҷадвали 1.2) таҳаввули андешаҳо дар бораи нақши давлат дар танзими молиявӣ баррасӣ гардида, таърифи муаллифии мафҳуми «танзими молиявӣ» ва модели консептуалии ташаккули низоми танзими молиявӣ пешниҳод шудааст (саҳ. 18–32).

Дар зербоби 1.2. заминаҳои методологӣ, принсипҳо ва усулҳои танзими молиявӣ таҳқиқ шудаанд. Муаллиф моделҳои амрикоӣ, шведӣ ва осиёии танзими иқтисодиро муқоиса намуда (саҳ. 35–37), принсипҳои асосии танзими молиявиро гурӯҳбандӣ ва шарҳ додааст (расми 1.2, саҳ. 38–40). Ҷиҳати мусбати ин қисм дар он зоҳир мегардад, ки усулҳои фискалӣ, монетарӣ, асъорӣ, танзими бозорҳои молиявӣ, маъмурӣ ва барномавию мақсаднок дар ягонагӣ ва бо нишон додани абзорҳои ҳар яки онҳо баррасӣ шудаанд (расми 1.3, саҳ. 42–46).

Дар зербоби 1.3 таҷрибаи хориҷии танзими молиявӣ дар доираи моделҳои англосаксонӣ (ИМА ва Британияи Кабир), континенталӣ (Фаронса ва Олмон) ва осиёӣ (ҶХЧ), инчунин таҷрибаи кишварҳои ИДМ – Қазоқистон, Беларус ва Ӯзбекистон таҳлил шудааст (саҳ. 46–62). Арзиши ин қисм дар он аст, ки муаллиф самтҳои мушаххаси истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии

Қазоқистонро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳкими мустақилияти институтсионалии танзимгар, татбиқи стандартҳои Базел III ва дастгирии технологияҳои молиявии рақамиро пешниҳод кардааст (саҳ. 58–59).

Боби дуюм – «Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири самаранокии танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ. 64–123) хусусияти таҳлилию арзёбӣ дошта, ба омӯзиши вазъи муосир, механизмҳо ва ҷанбаҳои институтсионалии танзими молиявӣ бахшида шудааст.

Муаллиф дар зербоби 2.1. дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявии солҳои 2017–2024 (ҷадвали 2.1, саҳ. 67) нишон медиҳад, ки ММД аз 64,4 то 153,4 млрд. сомонӣ (2,4 маротиба) афзоиш ёфта, даромади буҷети давлатӣ ба 46,6 млрд сомонӣ расидааст, вале ҳиссаи он нисбат ба ММД коҳиш ёфтааст (саҳ. 68–69).

Таҳлили сохтори даромадҳои буҷет нишон додааст, ки воридоти андозҳо аз 13,1 то 29,1 млрд сомонӣ, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда аз 5,36 то 12,19 млрд сомонӣ афзоиш ёфтааст (саҳ. 72–73). Дар таҳлили хароҷоти буҷет муаллиф тамоюли афзоиши ҳиссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (аз 43,5% дар соли 2017 то 50,8% дар соли 2024) ва бартарии комплекси сӯзишворию энергетикиро дар хароҷоти иқтисодӣ (76,2% дар соли 2017 ва 60,4% дар соли 2024) ошкор намудааст (саҳ. 78–80).

Ҳамзамон, муаллиф динамикаи қарзи давлатиро таҳлил намуда, муайян кардааст, ки соли 2024 қарзи давлатӣ 3573,9 млн. доллари ИМА ё 25,2%-и ММД-ро ташкил дода, таносуби қарзи беруна ба ММД аз 40,3% то 22,5% коҳиш ёфтааст (саҳ. 81–84).

Дар зербоби 2.2. механизми фаъолияти низоми молиявӣ (расми 2.1, саҳ. 88) ва шаклҳои асосии танзими молиявии давлатӣ (расми 2.2, саҳ. 90) баррасӣ гардида, вазифаҳои буҷети давлатӣ ва самтҳои такмили танзими даромаду хароҷоти он, аз ҷумла рақамикунонии маъмурикунонии андоз, гузариш ба банақшагирии барномавию мақсаднок ва таҳкими назорати дохилии молиявӣ пешниҳод шудаанд (саҳ. 91–97).

Дар зербоби 2.3 фишангҳои асосии танзими молиявӣ (расми 2.3, саҳ. 106), нақши Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2.7 (саҳ. 111) нишон медиҳад, ки шумораи ниҳодҳои низоми молиявӣ аз 132 то 90 коҳиш ёфта, ҳаҷми дороиҳои онҳо аз 21,6 то 52,5 млрд. сомонӣ афзудааст (саҳ. 112–114). Таҳлили нишондиҳандаҳои устувории ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҷадвали 2.8, саҳ. 115) афзоиши ҳаҷми қарзҳо аз 8,5 то 21,4 млрд сомонӣ ва пасандозҳо аз 9,3 то 25,5 млрд сомониро нишон медиҳад (саҳ. 115

– 116). Дар ҷамъбасти зербоб модели такмили механизми танзими молиявии давлатӣ пешниҳод шудааст (расми 2.4, саҳ. 121–122).

Боби сеюм – «Самтҳои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» (саҳ. 124 – 170) ба таҳияи самтҳои амалии такмили танзими молиявӣ ва дурнамои рушди он бахшида шудааст.

Дар зербоби 3.1. аз тарафи муаллиф самтҳои асосии танзими молиявӣ (расми 3.1, саҳ. 126) муайян гардида, мушкилот ва самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии молияи давлатӣ дар доираи Стратегияи миллии рушд (ҷадвали 3.1, саҳ. 130), сохтори Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ (расми 3.2, саҳ. 132), рушди пардохтҳои ғайринақдӣ (саҳ. 133–136) ва танзими ҷараёнҳои сармоягузорӣ (саҳ. 137) баррасӣ шудаанд.

Дар зербоби 3.2. усулҳои оқилона гардонидани механизмҳои танзими молиявӣ, аз ҷумла вобастагии усулҳо (расми 3.3, саҳ. 141), танзими буҷетию андозӣ (расми 3.4, саҳ. 142), сиёсати тарифӣ (саҳ. 146-147), усулҳо ва воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ (расмҳои 3.5–3.6, саҳ. 148) ва сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон (ҷадвали 3.2, саҳ. 155) таҳқиқ гардидаанд.

Дар зербоби 3.3. муаллиф бо истифода аз таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ вобастагии ММД-ро аз ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ, воридоти андозҳо ва ҳаҷми қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ арзёбӣ намуда (ҷадвалҳои 3.3 – 3.7, саҳ. 159 – 167), модели $Y = -136{,}565 + 0{,}247x1 + 4{,}143x2 + 0{,}963x5$ ва коэффитсиентҳои чандириро ҳисоб кардааст (саҳ. 162 – 166). Дар асоси он дурнамои нишондиҳандаҳои низоми молиявӣ то соли 2030 таҳия гардида, ҳаҷми ММД дар соли 2030 ба 219654,5 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст (ҷадвали 3.8, саҳ. 168 – 169).

Дар қисмати **хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо** (саҳ. 171–175) муаллифи рисола хулосаҳои асосии илмии таҳқиқотро инъикос намуда, тавсияҳоро оид ба гузариш ба назорати ба хатар нигаронидашуда, мутобиқсозии талаботи пруденсиалӣ ба стандартҳои Базел III, таҳияи заминаи ҳуқуқии «майдонҳои озмоишии танзимӣ», рақамикунонии маъмурикунонии андоз ва тезонидани татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ манзур намудааст.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия

Аҳаммияти илмии диссертатсия дар ҷамъбасти равишҳои назариявии танзими молиявӣ, муайян намудани принсипҳо ва усулҳои он ва пайвастани онҳо бо масъалаҳои институтсионалии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Маводи таҳқиқот метавонад барои таҳқиқоти минбаъда оид ба

самаранокии фишангҳои танзими молиявӣ, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои молия, танзими давлатии молиявӣ, идоракунии молияи давлатӣ ва назорати давлатии молиявӣ истифода шавад.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳо бо имконияти истифодаи онҳо аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи тадбирҳои такмили низоми буҷетӣ, рақамикунонии идоракунии молиявӣ, таҳкими назорати макропруденсиалӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти танзимкунанда алоқаманд мебошад. Истифодаи муқаррароти алоҳидаи диссертатсия бо санадҳои татбиқ тасдиқ шудааст.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии кор дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи пешниҳодҳои муаллиф метавонад ба беҳтар гардидани сифати истифодаи захираҳои давлатӣ, тақвияти устувории ниҳодҳои молиявӣ, васеъ гардидани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани шаффофияти равандҳои молиявӣ мусоидат намояд.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 13 номгӯй маводи илмию амалӣ ба чоп расидаанд, ки аз онҳо 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, нашр гардидаанд.

Мавзуи интишорот масъалаҳои қарзи давлатӣ, танзими буҷетӣ, шаклу усулҳои танзими молиявӣ ва сиёсати давлатии сармоягузориро фаро гирифта, самтҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Шумораи мақолаҳои тақризшаванда ва таъйиди натиҷаҳо ба талаботи ҷойдошта ҷавобгӯ мебошанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида

Диссертатсия аз рӯйи сохтор қисматҳои асосии таҳқиқоти илмиро фаро гирифта, муқаддима, бобҳои назариявию таҳлилӣ ва амалӣ, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиётро дар бар мегирад. Дар он масъалаҳои мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28

августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, дар он мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро инъикос шуда, фарогири мундариҷаи диссертатсия мебошад.

Интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар боби якуми диссертатсия ду таърифи муаллифии мафҳуми «танзими молиявӣ» оварда шудааст, инчунин дар банди якуми навгонии илмӣ (саҳ. 10) ва дар ҷамъбасти зербоби 1.1 (саҳ. 32), ки бо ҳамдигар мувофиқат намекунанд. Яъне, зарур буд, ки муаллиф таърифи ягонаро асоснок намуда, онро дар тамоми матни диссертатсия ва автореферат якхела истифода барад.

2. Дар зербоби 1.3 (саҳ. 46–62) баъзе маълумотҳо оиди таҷрибаи хориҷӣ ба вазъи муосир мувофиқ нест ё нопурра оварда шудаанд. Аз ҷумла, дар саҳифаи 52 модели «танзимгари сегона»-и Британияи Кабир инъикос гардида аст, вале танҳо ду унсури он шарҳ дода шудааст.

3. Дар боби дуюм баъзе камбудиҳои оморӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2017 дар ҷадвали 2.1 (саҳ. 67) бо маблағи 23307,3 млн сомонӣ, аммо дар ҷадвали 2.2 (саҳ. 71) ва ҷадвали 3.3 (саҳ. 159) бошад, он бо маблағи 19955,4 млн сомонӣ нишон дода шудааст. Инчунин таҳлилҳо, асосан бо истифодаи нишондиҳандаҳои номиналӣ гузаронида шудаанд, ҳоло он ки истифодаи нишондиҳандаҳои нисбӣ ва воқеӣ (бо нархҳои муқоисавӣ) иловатан имкон медод, ки вазъи рушди низоми молиявӣ пурра тасвиб гардад.

4. Дар зербоби 3.3 (саҳ. 156 – 169) натиҷаҳои ҳисоби модели регрессионӣ бо маълумоти худи муаллиф мувофиқат намекунанд, инчунин индекси коррелятсияи маҷмуӣ тақрибан 0,9937-ро ташкил медиҳад, на 0,9995 (саҳ. 164). Коэффитсиенти детерминатсияи меъёрӣ (0,7986) дар ҷадвали 3.7 (саҳ. 167) бо коэффитсиенти детерминатсияи маҷмуӣ мувофиқ нест.

5. Дар боби сеюм агар дурнамои нишондиҳандаҳои рушди низоми молиявӣ то соли 2030 (ҷадвали 3.8, саҳ. 168) бодарназардошти се сенарияҳо: базавӣ, мусоид ва номусоид пешгӯӣ мегардид, натиҷаҳои он мушаххастар мегардиданд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коҳиш надода, ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

9. Хулосаи ҷамбастӣ

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст.

Диссертатсия тақризшаванда пурра ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сабурзода Фаридуни Мирзоали барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Мудири шуъбаи бозори молиявӣ ва
идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Шарифзода Б.М.**

Имзои Шарифзода Б.М.-ро тасдиқ мекунам:

Инспектори калон оид ба
кадрҳои Институти иқтисодиёт ва
демографияи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон **Махсутшоева З.Д.**

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 267.
Тел.: +992 907786568.
E-mail: b_sharipov@mail.ru
«19» 11 соли 2026.